**ТАҚРИЗ**

ба автореферати диссертатсияи **Мансурова Дилрабо Қодирҷоновна** дар мавзуи "Шароитҳои педагогии рушди салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодии бачагони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 – Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) пешниҳод шудааст

Таҳқиқоти диссертатсионии Мансурова Дилрабо Қодирҷоновна дар мавзуи "Шароитҳои педагогии рушди салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодии бачагони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз дидгоҳи талаботи шароити кунунии пешрафти босуръати илму техника, иттилотонии тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаву инсон ба насли наврас ва ҷавонони замони муосир муҳим ва мубрам арзёбӣ мегардад. Зеро масъалаи рушди салоҳиятҳои ҳаётии насли наврас яке аз масъалаҳои муҳими даврони муосир маҳсуб меёбад.

Ҳадафи асосии таҳқиқоти мазкур ин масъалаи моҳияти шароитҳои педагогии рушди салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодии бачагони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии мамлакат ва рушди минбаъдаи назария ва амалияи масъалаи мазкур дар илми педагогикаи миллӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Дар таҳқиқоти диссертатсионии довталаби дараҷаи илмӣ Мансурова Дилрабо оид ба шароитҳои педагогии рушди салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодии бачагони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии ҷумҳурӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст, бо дарназардошти он ки мавзуи мазкур аз ҷониби олимону муҳаққиони тоҷик ба таври алоҳидаву таҳқиқоти мукаммалу ҳаматарафа то ба имрӯз мавриди омӯзишу таҳқиқи қарор нагирифтааст ва месазад, ки коркарди ин мавзуъро аз ҷониби довталаб иқдому ибтикори шоиста дар ин самт дар илми педагогикаи миллӣ номид.

Муҳаққиқ асосҳои шароитҳои педагогии рушди салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодии бачагони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабиро ҳамчун объекти таҳқиқот мавриди таҳлили илмӣ қарор дода, дар ин ҷода ба як идда навгониҳо муваффақ шудааст, зеро

таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, хулоса ва таввсияҳои методии аз ҷониби муаллиф ироашуда далели ин андешаҳоанд.

Навгонии илмии таҳқиқот аз он иборат аст, ки муаллифи диссертатсия шароит ва имкониятҳои педагогӣ ва иҷтимоии таҳсилоти томактабиро ҳамчун як самти фаъолияти педагогӣ ошкор кардааст, вижагиҳои муассисаҳои таҳсилоти томактабиро аз ҷиҳати илмӣ дақиқ ошкор ва муайян кардааст, меъёрҳо ва нишондиҳандаҳое, ки барои арзёбии савияи ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ дар шароити муассисаи таҳсилоти томактабӣ заруранд, аниқ кардааст ва амсилаи ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи бачагони синни калони томактабиро коркард карда, дар шароитҳои педагогии муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ тасвибу татбиқ ва самаранокии онро исбот кардааст.

Ҳамчунин, ошкор кардааст, ки ин салоҳиятҳои маърифативу эҷодӣ барои фаъолияту зиндагии имрӯзаву минбаъдаи насли наврас зарурӣ мебошанд ва дар мариди воридсозии тағйирот ва иловаҳо ба барномаи таълими рушди умумӣ пешниҳодҳо коркард ва манзур кардааст, ки ин аз арзиши илмиву амалии таҳқиқоти ӯ шаҳодат медиҳад.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он аст, ки муаллифи диссертатсия таҳқиқотҳои олимону муҳаққиқонро оид ба ташаккули салоҳиятҳои маърифативу эҷодии кӯдакон ҳаматарафа мавриди омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ қарор дода, проблема ва асосҳои назариявию амалии рушди ин салоҳиятҳоро муайян кардааст, самаранокии амсилаи пешниҳодкардаашро аз тариқи баргузории таҳқиқоти озмоишӣ исбот кардааст.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки амсила ва барномаи таълими рушди умумии таҳия ва дар раванди фаъолияти таълими муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ роҳандозӣ кардадашуда ба рушди салоҳиятҳои маърифативу эҷодии кӯдакон мусоидат менамоянд.

Бо назардошти муқарраротн дар боло зикршуда тавре Мансурова Д. қайд менамояд, ки натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳангоми коркарди ҷанбаҳои методии баланд бардоштани самаранокии машғулиятҳо ва сифати таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ истифода гардида, мавриди таваҷҷуҳи мутахассисони соҳаи педагогика, психология ва методикаи таълими тарбияи ҷисмонӣ қарор гиранд.

Унвонҷӯй дар мураттабсозии рисолаи илмӣ воқеан ҳам заҳмати зиёд кашида, худро ҳамчун як мутахассиси донандаи соҳаи худ муаррифӣ карда тавонистааст.

Аз ин рӯ, бо боварии том метавон диссертатсияи Мансурова Дилраборо кори илмии бааңҷомрасида ва дорои арзиши илмии назариявӣ ва амалӣ ҳисобид.

Автореферат низ ба талабот ҷавобгӯ буда, муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос менамояд.

Ҷоиз ба қайд аст, ки автореферати диссертант Мансурова Дилрабо Қодирҷоновна дар мавзуи "Шароитҳои педагогии рушди салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодии бачагони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯй буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руи ихтисоси барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 – Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) сазовор мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент
мудири кафедраи ҷомеашиносии
Донишкадаи илмҳои дақиқ ва технологияи
Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд **Абдусамадова Мунира Абдуғафоровна**

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: Донишкадаи илмҳои дақиқ ва технологияи Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд
Кӯчаи Микроноҳияи 34-ум шаҳри Хуҷанд вилояти Суғд
E-mail: munirahon74@mail.ru

**Имзои М.А. Абдусамадова-ро**
тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДИДТТ

Мирзобаев М.Р.

23.08.2024

ШУЪБАИ КАДРҲО
Ҷумҳурии Тоҷикистон вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд
Донишкадаи илмҳои дақиқ ва технологияи Тоҷикистон
РМА 510040852